***ТДУ 83,3(2Т)***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-217-223***

***РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗӢ АЗ НАЗАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК***

***Ҳайдаров Фахриддин Наботович****, н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(Тоҷикистон, Душанбе)*

***ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АМИРА МУИЗЗИ ГЛАЗАМИ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ***

***Хайдаров Фахриддин Наботович****, к.ф.н., доцент кафедры истории таджикской литературы ТНУ (Таджикистан, Душанбе)*

***THE LIFE AND WORKS OF AMIR MUZZI FROM THE POINT OF VIEW OF TAJIK RESEARCHERS***

***Haydarov Fakhriddin Nabotovich****, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of the History Tajik Literature, Tajik National University,*
***E-mail:****fakhrizamon@mail.ru.*

***Калидвожаҳо****: Муиззӣ, қасида, муҳаққиқони тоҷик, замони шӯравӣ, рӯзгор, девони ашъор*

*Дар мақолаи мазкур рӯзгор ва осори Муиззӣ аз назари муҳаққиқони тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи баррасии масъалаи мавриди назар муаллиф иброз медорад, ки шуруъ ва ташаккулу таҳаввули ҷустуҷӯҳои муҳаққиқони тоҷик дар боби таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ бо нигоштаҳои устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» огоз меёбад. Дар замони Шӯравӣ аз ҷониби адабиётшиносони тоҷик ба омӯзиши рӯзгор ва ашъори шоирони дарборӣ, аз ҷумла Муиззӣ кам аҳамият дода шуда буд. Бо ба даст овардани истиқлолият таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик ба таҳқиқи рӯзгор ва ашъори шоирони дарборӣ, аз чумла Муиззи бештар гардид. Бо вуҷуди корҳои анҷомёфта дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ то имрӯз раванди ҳаёт ва мероси адабии то ба имрӯз ба мо расидаи шоир айни замон ба таври пурра таҳқиқ нашудааст. Гарчанде олимон ва муҳаққиқони тоҷик ба тадқиқи баъзе паҳлӯҳои ҳаёт ва осори ин шоири забардасти аҳди салҷуқиён даст задаанд, лекин он то ҳол комилан мавриди мутолиа ва муҳокимаи густурда қарор нагирифтааст.*

***Ключевые слова:*** *Муиззи, касыда, таджикские исследователи, советское время, повседневная жизнь, диван поэзии*

*В данной статье жизнь и творчество Муиззи рассматриваются с точки зрения таджикских исследователей. В результате рассмотрения данного вопроса автор констатирует, что начало, становление и эволюция исследований таджикских исследователей в области изучения жизни и творчества Амира Муиззи Нишапури начинается с трудов устода Садриддина Айни в «Образце таджикской литературы». В советский период таджикские литературоведы мало внимания уделяли изучению быта и стихов придворных поэтов, в том числе Муиззи. С достижением независимости возросло внимание таджикских исследователей к изучению быта и стихов придворных поэтов, в том числе Муиззи.Несмотря на завершённые работы по таджикскому литературоведению, касающиеся жизни и творчества Амира Муиззи, жизненный процесс и литературное наследие поэта до конца не исследованы. Хотя таджикские ученые и исследователи начали изучать некоторые стороны жизни и творчества этого великого поэта сельджукской эпохи, оно еще не до конца прочитано и широко не обсуждено.*

***Key words:*** *Muizzi, qasida, Tajik researchers, Soviet era, everyday life, divan of poetry*

*In this article, Muizzi's life and works are discussed from the point of view of Tajik researchers. As a result of consideration of the issue under consideration, the author states that the beginning and formation and evolution of the research of Tajik researchers in the field of research on the daily life and works of Amir Muizzi Nishapuri begins with the writings of Ustad Sadriddin Aini in "Sample of Tajik Literature". During the Soviet period, Tajik literary scholars paid little attention to the study of the daily life and poems of court poets, including Muizzi. After gaining independence, the attention of Tajik researchers to the study of the daily life and poems of court poets, including Muizzi, increased. Despite the completed works in Tajik literary studies regarding the life and works of Amir Muizzi, the life process and literary heritage of the poet has not been fully investigated. Although Tajik scholars and researchers have begun to study some aspects of the life and works of this great poet of the Seljuk era, it has not yet been fully read and widely discussed.*

Шуруъ ва ташаккулу таҳаввули ҷустуҷӯҳои муҳаққиқони тоҷик дар боби таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ бо нигоштаҳои устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз меёбад. Устод Садриддин Айнӣ ин асари худ шоирро Амир Муиззии

Самарқандӣ бинни Амир Бурҳонии Самарқандӣ гуфта, таъкид менамояд, ки дар «Намунаи адабиёти Эрон» ва дар «Оташкада» Самарқандӣ навишта шудааст, аммо «Хизонаи омира» Нишопурӣ ва Давлатшоҳ Нисоӣ медонад. Вафоти шоирро соли 542 ҳиҷрӣ дар Марв меҳисобад [3,с.26]. Ҳамзамон, аз ашъори шоир аз «Намунаи адабиёти Эрон» 15 байт, аз тазкираи «Оташкадаи Озар» 8 байт, аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ 4 байт намуна оварда, аз «Хизонаи омира» қиссаи бадеҳатан сурудани рубоӣ ва роҳ ёфтани шоирро ба дарбори Маликшоҳ баён карда, аз марсияи ҳаким Саноӣ, ки дар таъзияи Муиззӣ навишта, ёд мекунад [3,с.27-29].

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар асари безаволи худ «Тоҷикон» дар мавриди Муиззӣ чунин мегӯяд: «Мир Муҳаммади Муиззӣ (ваф. қарибиҳои соли 1140) аслан аз Нишопур мебошад. Аксари асарҳои ӯро қасидҳои мадҳия ташкил мекунанд, ки ба Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ бахшида шудаанд. Ӯ дар вақти ҳукмронии султон Санҷар ба мартабаи баланди шоири дарбор расида, ба унвони «Маликушшуаро» сарфароз гардид» [6,с.424].

Муаллифони Таърихи адабиёти форс-тоҷики асрҳои XII-XIV, қисми якум оид ба номгӯи осор, миқдори ашъор, навъҳои адабӣ, мавзӯъҳои эҷодиёти шоир, бурду бохти шоир дар замони худ ва умуман дар таърихи адабиёти тоҷик маълумоти зарурӣ додаанд. Аз ҷумла замони тахминии таваллуди ӯ, бино ба иттилои Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, ба дарбор пайвастани ӯ, моҷарои тир хӯрдан ва амсоли он аз ҷониби муҳаққиқон бозгӯӣ шудааст. Дар баробари ин, хусусияти бадеии намунаҳои ашъори шоир мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нигоҳи муаллифон шоир аз шоирони пешқадам ва мӯътабари давраи салҷуқиёни бузург ва идомадиҳандаи сабку забони соддаи адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI муаррифӣ гардидааст. Ин олимон ба таҳлили ашъори Муиззӣ пардохта, мазмуну мундариҷа, сохтори қасидаҳо ва сабку услуби шоирро то як андоза муайян намудаанд.

Илова бар ин, муаллифон дар робита ба муносибати Муиззӣ нисбат ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ишора менамоянд, ки Муиззӣ ҳам монанди шоирони доираи дарбори ғазнавӣ ба тараннум ва таҷассум намудани анъанаҳои қаҳрамононаи миллии форсу тоҷик назари манфӣ дорад. Ин назари манфӣ ҳам дар давраи ғазнавиён ва ҳам дар замони салҷуқиён фақат фикри шахсии шоир набуд. Чунин муносибати манфӣ нисбат ба ин анъанаҳо ва аз ин ҷо нисбат ба достонҳои ҳамосавӣ ифодаи сиёсати ҳукмронҳои мутлақи он замон буд, ки назмро барои интишори нуфузи давлати худ истифода мебурданд [2,с.55-62].

Инчунин оид ба амир Муиззӣ баҳси муҷазу пурмуҳтаворо проф. Т. Неъматзода дар мақолаи хеш низ рӯи кор овардаанд. Тибқи ишораи устод чанде аз шеърҳои Муиззӣ ҳамоно равон буда, дар офаридани онҳо шоир аз унсурҳои адабиёти даҳонакӣ, аз баёни гуфтугӯӣ ва мақолу масалҳои халқӣ истифода намудааст ва ба ин васила забони шеърро ғанитар гардонида бошад ҳам, аз тарафи дигар дар шеърҳои Муиззӣ ифодаҳои печдарпеч, ташбеҳу истиороти мураккаб, иборaву истилоҳоти илмию фалсафӣ, ки бештар дар шоирони ин давр –Абулфараҷи Рунӣ ва Масъуди Саъди Салмон дучор меоянд, низ мушоҳида мешавад [13,с.536].

Чунин маълумоти судманд ва арзиши илмидоштаро донишманди тоҷик Аҳмад Абдуллоев низ оид ба рӯзгор, номгӯи ашъор, хусусиятҳои эҷодию навъҳои адабӣ, бурду бохти шоиру ҳунари эҷодии Амир Муиззӣ дар мақолаҳои илм пешниҳод намудаанд. А. Абдуллоев ҳамзамон ишора менамояд, ки ...фатҳномаҳои Муиззӣ қимати таърихӣ дошта, таърихнигориро дар шеър ривоҷ додаанд. Яке аз хусусияти дигари қасоиди Муиззиро муносибати манфии ӯ ба осори қаҳрамонӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мешуморад. Ба андешаи устод А. Абдуллоев ин ғояи қасоиди Муиззӣ барои мадҳи ҳукуматдорон гузориш ёфта, бештар ба тазоду пайравӣ асос гирифтааст.

Мавсуф бо вуҷуди ин қасоиди Муиззиро чун асари пурбаҳои санъат дорои аҳамият медонад ва илова менамояд, ки дар қасида ҳунари писандида дошт, рубоиро аксар бадеҳатан мегуфт. Ғазалҳои ӯ соддаю равон буда, бо орзуҳои ширини қаҳрамони лирикӣ тавъаманд. Дар ин равия вай анъанаҳои Рӯдакиро ривоҷ дода, ӯро талқину тазмин кардааст. Дар ашъори ӯ тасвири ҳаёт, зиндагии хуш мавқеи хос дорад. Муиззӣ ҳамчун маликушшаро барои нуфузи доираи адабии Салҷуқиён ҳиммат гузоштааст. Ӯ равияи соддаписандию халқии назмро қувват додааст. Муиззӣ дар офариниши образҳои нав, истифодаи луғатҳои тоза, тасвирҳои нозук устод буд [2,с.304].

Дар ҷилди якуми «Гулшани адаб», ки баргузидаи ашъори шоирони асрҳои IX - XIII дар бар мегирад, роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззӣ маълумоти мухтасаре сабт ва аз ашъори ӯ ба тариқи намуна 11 ғазал, 1 тарҷеъбанд, 2 қитъа ва 8 рубоии шоир оварда шудааст [4,С.210-218].

Адабиётшиноси машҳури тоҷик Х. Мирзозода низ оид ба Амир Муиззӣ маълумоти муфассал дода, дар мавриди рӯзгори шоир, анвои адабӣ ва муҳтавои ашъори ӯ маълумоти

зарурӣ додааст. Аз ҷумла ишора менамояд, ки Муиззӣ баъд аз хатми таҳсили мадраса дар хизмати сипоҳии салҷуқиён буд. Чанде аз Хуросон ба Исфаҳон рафта, хизмати аскарӣ кардааст. Падараш пеш аз вафоти худ аз Маликшоҳ хоҳиш кардааст, ки фарзанди ӯро тарбия намояд.

Устод Х. Мирзозода низ дар мавриди ба дарбор пайвастани ӯ иттилои Низомии Арӯзиро дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, такрор менамояд.

Танҳо як нуктаро ин ҷо бояд зикр намуд, ки аз ҷониби ин муҳаққиқон баъзе ҳолатҳо шахсияти шоир на фақат ба сифати шоири қасидасаро, балки ҳамчун шоири дарборӣ, ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои давлати мутамаркази феодалӣ баҳогузорӣ мешавад.

Бо вуҷуди ин, санъати баланд ва хусусиятҳои беҳтарини назми Муиззиро инкор кардан аз рӯи инсоф нест. Баръакс ин ҷиҳати назм шоирро ба сафи шоирони беҳтаринн он замон мегузорад. Аз тарафи дигар, назми Муиззӣ ҳам ба воситаи санъат ва ҷиҳатҳои беҳтарнни воситаҳои бадеӣ, ҳам ба ҳукми мавқеи амирушшуароии ӯ ба равияи умумии забон ва сабки назми он замон таъсири мусбате гузошт [10,с.54-59].

Роҷеъ ба назари донишмандони шӯравии тоҷик нисбат ба ашъори шоирони дарборӣ ва қасоиди мадҳии эшон, аз ҷумла вобаста қасоиди Амир Муиззӣ, ки низ шоири дарбор, қасидасаро ва ҳатто амирушшуаро буд, бояд иброз намоем, ки бо назардошти дар замони Шӯравӣ ҳамчун шеъри дарборӣ шумурда шудан муҳаққиқон ба омӯзиши қасидаҳои мадҳии дарборӣ чандон эътибор намедоданд. Аз аввалин муҳаққиқоне, ки дар замони Шӯравӣ оид ба ҷанбаҳои мусбати қасида ибрози андеша намудаанд, адабиётшиноси маъруфи тоҷик устоди зиндаёд Худоӣ Шарифов мебошанд, ки дар баробари таҳқиқи функсияи маърифатии қасида, ҳамзамон ишора карда буданд, ки «То имрӯз мо як таҳқиқи муфассалу мукаммале дар хусуси қасида, ки аз мавқеъҳои ҳозираи илм гузаронида шуда, моҳияти шаклу мундариҷа, мақоми онро дар ҳаёти маънавии асрҳои миёна ба дурустӣ муайян карда бошад, дар даст надорем. Ҳалли ин масъалаи мураккаб махсусан ба омӯзиши поэтика ва принсипҳои инъикоси бадеии қасида, аз як тараф, ба таҳқиқи ҳамин ҷиҳатҳои тамоми адабиёти классикии форсу тоҷик, аз тарафи дигар, эҳтиёҷманд аст [27,с. 49].

Бо ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба таҳқиқ ва омӯзиши рӯзгори шоир ва паҳлуҳои ашъори ӯ бештар гаштааст.

Устод Ғафоров Ш. дар рисоли хеш зери унвони «Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеию эстетикии қасоиди ӯ» дар раванди баррасии рӯзгор ва осори Азрақӣ, аз рӯзгор ва баъзе махсусиятҳои ашъори Амир Муиззӣ, ки аз ҳамзамонони Азрақӣ маҳсуб меёфт ишора менамояд. Аз ҷумла бо такя ба маъхазҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ дар он замон Абӯабдуллоҳи Муҳаммад ибни Абдумалик Муиззии Нишопуриро шоири муваффақтарин дар самти адабиёти дарборӣ мешуморад ва илова менамояд, ки ба иттилои маъхазҳо вай маликушшурои дарбори Маликшоҳ ва баъдтар Султон Санҷар буда ва бозори шеъраш ҳамеша гарм буда, ягон байти дар тӯли ҳаёти худ сурудааш нохарида намондааст [5,с. 42].

Аз донишмандони дигари тоҷик, ки дар атрофи рӯзгор ва ашъори Амир Муиззӣ ибрози назар намудааст, адабиётшиноси маъруф Бадриддин Мақсудов дар мақолаи худ зери унвони «Амир Муъиззи и придворная литература Сельджукидов в Хорасане» дар бораи ҳавзаҳои адабии замони Салҷуқиён, рӯзгори шоир, мероси адабии ӯ ва хусусиятҳои бадеии ашъори ӯ бо такя ба манбаъҳои муътамад ибрози андеша менамоянд [9, с.118-123].

Устод Исрофилниё Шарифмурод дар рисолаи худ зери унвони «Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV» дар бахши «Таъсирпазирии Носири Бухороӣ аз шоирони гузашта» аз Амир Муиззӣ низ ёд мекунад ва таъкид менамояд, ки амирушшуаро Муиззии Нишопурӣ аз шоирони тавоно ва дараҷаи аввали адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки ҳам дар ғазал ва ҳам дар қасида дасти тамом дорад. Аксари ноқидони қадим шеъри ӯро ситоиш кардаанд. Хусусияти асосии шеъри ӯ дар содагӣ ва равонию пурмаъноии онҳост. Муиззӣ дар калимоти содаву кӯтоҳ маъонии бузургро ҷой медиҳад ва шояд ҳамин вижагии шеъри ӯ диққати Носирро ба худ кашида бошад. Носир ӯро ба унвони шоири бузург ва номвар ёд карда, шуҳрати номи Санҷарро аз лутфи табъи ӯ ва шуҳрати ӯро аз силаи Санҷар медонад:

***Нақси таҳсин асту тақсири сила,***
***К-инчунин шуд нангу номи шоирӣ.***
***Аз чӣ шуд номи Муиззӣ номдор?***
***Аз камоли лутфҳои Санҷарӣ.***

Мавсуф илова менамояд, ки дар шеъри Носир ва Муиззӣ тасвироте дида мешавад, ки муштараканд, аммо ин маънои онро надорад, ки Носир ҳатман аз Муиззӣ гирифта бошад, зеро

ингуна тасвирсозӣ дар ашъори шуарои дигар низ вомехӯрад. Масалан, дар мавриди кӯр шудани чашми мори афъӣ баробари дидани зумуррад, Муиззӣ гӯяд:

***Зумурраду алафи сабз ҳарду якранганд,***
***Аз ин ба дидаи афъӣ кашанд, аз он ба ҷувол.***

Носир ҳамин мазмунро бо ташбеҳи зулфи ёр ба афъӣ ва хатти сабзи ӯ ба зумуррад хеле зебо баён намудааст:

***Афъии зулфи ту ҳеҷ дида надорад,***
***К-аз хати сабзи ту дидаст зумуррад*** *[7,с.262].*

Абдулманнони Насриддин бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ дар бораи шоир маводи муфассал рӯи кор овардааст. Мавсуф аз ҷумла ишора менамояд, ки баъзе манобеи адабӣ ӯро «Насавӣ», яъне аз шаҳри Насо, ки дар байни Балх ва Марв ҷойгир шуда буд, донистаанд (Риёз-уш-шуаро, ҷилди 4, саҳ.2020). Аммо қавли аввал саҳеҳтар аст, яъне Нишопур. Дар баробари ин, бораи доираҳои адабӣ, равобити шуаро ва амсоли ин сухан гуфта, ҳатман аз Муиззӣ ёд кардааст [11,с.369].

Дар ҷилдҳои дигари куллиёти худ низ дар бисёр мавридҳо аз Амир Муиззӣ ном мебарад. Аз ҷумла, дар ҷои дигар дар бораи суханварии падарон ва писарон сухан ронда, ишора месозад, ки «Суханварони шинохта будани ҳам падар, ҳам писар умуман дар таърихи адабии дунё ҳодисаи нодир аст, вале дар таърихи тамаддуни тоҷику форс бошад, зуҳуроти дерин ва анъанавист. Амир Муиззӣ ва падари ӯ - Амирушшуаро Абдулмалики Бурҳонӣ, Ҷамолиддин Абдураззоқи Исфаҳонӣ ва писари ӯ - Халлоқулмаонӣ Камолиддини Исфаҳонӣ, падари Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ -Баҳоуддин Валад ва писари ин адиби мумтоз - Султон Валад, падари Ибни Ямини Фарюмадӣ - Амир Яминуддин, писари Ҳусайн Воизи Кошифӣ - Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ, падари Виқори Шерозӣ - Висоли Шерозӣ шоир ва нависанда буданд» [12].

Адабиётшиносони забардасти тоҷик устод Худоӣ Шарифзода ва Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII)» ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ фасли алоҳида бахшида, бо такя ба сарчашмаҳои адабию илмӣ дар атрофи рӯзгори шоир, мероси аадбӣ ва баъзе хусусиятҳои ашъори ӯ ибрози назар кардаанд. Аз ҷумла, ишора менамоянд, ки Муиззӣ дар хонаводаи шоир ба дунё омадааст. Падараш – Абдумалики Бурҳонӣ шоири дарбори Алп Арслон ва писари вай – Маликшоҳ будааст. Аз ин ҷост, ки Муиззӣ дар муҳити дарбор тарбият ёфта, пас аз таҳсили илм ва хатми мадраса дар хидмати сипоҳии Салҷуқиён буд. Дар шеъраш рӯҳияи дарборӣ дорад. Падараш қабл аз вафот аз Маликшоҳ хоҳиш кардааст, ки фарзанди ӯро тарбия намояд. Сипас аз лаҳзаҳои барои рӯзгори минбаъдаи шоир муҳим, яъне ворид гардидани ӯ ба дарбори султон Маликшоҳро, бино ба иттилои Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, такроран нақл мекунанд ва бо вуҷуди овардани маълумоти муфассал иброз менамоянд, ки то ҳол дар бораи Муиззӣ тадқиқоти мукаммале ба миён наомадааст [26,с.354-358].

Адабиётшинос Ҳамза Собиров дар китоби «Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик» дар бахши «Шоирони ҳамзамони Ҷабалӣ ва муносибати адиб бо онҳо» дар хусуси муносибати Амир Муиззӣ ва Абулвосеи Ҷабалӣ изҳори назар кардааст. Мавсуф Амир Муиззии Нишопуриро яке аз шоирони ширинзабон ва фусаҳои дараҷаи аввали назми форсӣ мешуморад, ки дар давраи ҳукмронии ду подшоҳи Салҷуқӣ (Маликшоҳ ва Султон Санҷар) кору фаъолият намуда, аз ҷумлаи саромадони шоирони ҳамасри худ дониста мешуд ва илова менамояд, ки бидуни шубҳа, Муиззӣ чӣ дар замони хеш ва чӣ баъд аз марг дар шумори устодони фанни суханварӣ, дар салосати баён ва ширинии калом, маҳсуб меёбад, ба дараҷае, ки ҳар касро ба ин мақом, ки аморати шуароаст, наметавон таъйин кард.

Мавсуф дар баробари ин, дар бораи истиқболи Амир Муиззӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ аз ашъори якдигар бо овардани намунаҳои аз ашъори ин ду суханвар ишораҳо менамояд [15,С.57-61].

Бо баъзе андешаи ин муаллиф наметавон розӣ шуд. Аз ҷумла, номбурда дар хусуси истиқболи Амир Муиззӣ аз баъзе сурудаҳои Абдулвосеи Ҷабалӣ бо овардани байти зерини Абдулвосеи Ҷабалӣ:

***Мире, ки подшоҳи ҷаҳонро бародар аст,***
***Доим зи ҳайбаташ дили душман бар озар аст.***

менависад, ки Амир Муиззӣ дар пайравӣ аз Ҷабалӣ як қасидае бо чунин матлаъ дорад:

***Шоҳи ҷаҳон, ки хусрави фархундаахтар аст,***
***Бар Шарқу Ғарб подшоҳи адлгустар аст*** *[29,с.70].*

Боиси зикр аст, ки байти мазкур матлаи қасидаест бо унвони «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» суруда шудааст. Аз абёти ин қасида, ки «Зи хидмати теғаш ба Руму Шом» ёд мешавад ва сафари

Маликшоҳ ба Руму Шом аз соли 477 то 479 тӯл кашида бошад ва соли вафоти Абдулвосеи Ҷабалиро соли 1160 тахмин намоем, дар замони сурудани ин қасида Абдулвосеъ эҳтимол ҳанӯз ба дунё наомада буд. Ҳамин тавр, дар атрофи сурудаҳои дигар низ метавон ибрози андеша кард.

Устод Боймурод Шарифзода дар рисолаи хеш зери унвони «Хоқонӣ ва таҳаввули қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIII)» бо такя ба андешаҳои Нодири Вазинпур мадҳияҳои Муиззиро дар муқоиса бо мадҳияҳои Хоқонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мавсуф, ҳамзамон дар хусуси қасоиди Муиззӣ ишора менамояд, ки девони ашъори ӯ шомили 461 қасида аст, ки аз он миён 234 қасида (50%) мадҳию чаҳоррукнист, яъне, композитсияи қасидаи комил (тағаззул, тахаллус, мадҳ ва шарита) риоя шудааст. Муиззӣ панҷ қасидаи чаҳоррукнии дигар низ дорад, ки дорои муқаддимаи ҷадид, яъне, муҳтавои динӣ ҳастанд. Дар 217 қасида (47%) дигар бо қасоиди мадҳии бидуни муқаддима рӯ ба рӯ мешавем, ки аз оғоз шуруъ ба мадҳи мамдуҳ карда, дар поён бо абёти дуо шеърро ба поён бурдааст. Се қасида аз қасидаҳои Муиззӣ тағаззулҳои ошиқона аст, ки шоир дар абёти поёнӣ ба мадҳи мамдуҳ ишора мекунад ва ду қасида бидуни мадҳ низ дорад, ки дар мавзуи динию ахлоқӣ сурудааст. Ба ҳамин минвол 97% қасоиди Муиззӣ мадҳию ситоишиянд. Аз миёни ҳудуди 110 тан мамдуҳи Амир Муиззӣ даҳ тани онон подшоҳон ва амирон ва ҳокимони бузурги салҷуқӣ, ғазнавӣ ва дайламӣ ва дигарон буданд ва мамдуҳони дигари ӯ шоҳзодагон, амирони маҳаллӣ, вазирон ва афроди хонадони онон, ҳамчунин раисони девони расоил, бузургони аъёни вазирони Туркистон, Балх, Рай, Кирмон, Форс, Исфаҳон, Табас ва ғайра будаанд. Муиззӣ танҳо дар мадҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ дар 130 қасида 3433 байт мадеҳа дорад. На танҳо қасоид, балки таркиббандҳо, ҳатто бештари ғазалиёт ва рубоиҳои Муиззӣ ба мадҳи касон ихтисос дорад [25,с.100].

Аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо низ якчанд мақола таълиф гардидааст, ки тавассути онҳо рӯзгор, ашъор, хусусиятҳои бадеӣ ва паҳлуҳои гуногуни мероси адабии шоир мавриди барасӣ қарор гирифтааст.

Аз ҷумла, муаллифи ин сатрҳо дар ҳаммуаллифӣ бо устод Б. Мақсудов дар мақолаи «Амир Муиззӣ ва рушди адабиёти дарбории Салҷуқиён дар Хуросон» рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён, муносибати дӯстонаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ муаллифи «Чаҳор мақола» бо Муиззӣ, сабки қасидаҳои Муиззӣ ва услуби гуфтори Муиззӣ ва амсоли онро мавриди баррасӣ қарор додаанд [9,с.234-239].

Дар мақолаи «Нигоҳи мухтасар ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ» ба таври мухтасар роҷеъ ба таҳқиқи рӯзгори Муиззӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва адабиёти илмӣ, осор ва махсусиятҳои ашъори шоир ибрози назар намудааст [19,с.227-233].

Ҳамзамон, аз ҷониби банда дар мақолаи «Осори шоир - бозгӯи рӯзгори шоир» инъикоси рӯзгори шоир бевосита дар ашъори худи шоир, махсусан воқеаи тир хӯрдан ва беҳбудӣ ёфтани шоир ва амсоли он, Номаи [20,с.227-235], дар мақолаи «Фарҷоми рӯзгори Амир Муиззӣ» рӯзгори шоир пас аз фоҷиаи тир хӯрдан то замони марги ӯ [23,с.9-13], дар мақолаи «Мавқеи рубоӣ дар эҷодиёти Муиззӣ» рубоӣ ба сифати навъи шеърӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули рубоӣ, муҳтаво ва мавқеи он дар ашъори Муиззӣ [18,с.156-160], дар мақолаи «Ашъори Муиззӣ аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво» мероси адабии шоир аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво [16, 15-21], дар мақолаи «Таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ дар Эрон» баррасии рӯзгор ва ашъори шоир аз ҷониби адабиётшиносони Эрон ва нигоҳи онҳо ба хусусиятҳои бадеии ашъори шоир [23,с.252-259], дар мақолаи «Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ» мақоми шоирони муқаддами Муиззӣ аз қабили Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Масъуди Саъди Салмон ва дигарон дар ашъори Муиззӣ мавриди баҳс, баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта [24,с.194-204], дар мақолаи «Тараннуми ишқ дар тағаззулоти Муиззӣ» шеваи Муиззӣ дар сурудани тағаззул ва муҳтавои тағазулҳои шоир [21, с.116-127], илова бар ин, Рубоиёти Амир Муиззӣ бо пешгуфтор бо хатти сирилик ва алифбои арабиасоси форсӣ [14] ба табъ расонида шудааст.

Бо вуҷуди корҳои анҷомёфта роҷеъ ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар адабиётшиносии тоҷик то имрӯз раванди ҳаёт ва мероси адабии то ба имрӯз ба мо расидаи Амир Муиззӣ алҳол ба таври пурра таҳқиқу тадқиқ нашудааст. Гарчанде ки олимон ва муҳаққиқони тоҷик ба тадқиқи баъзе паҳлӯҳои ҳаёт ва осори ин шоири забардасти аҳди салҷуқиён даст задаанд, лекин он то ҳол комилан мавриди мутолиа ва муҳокимаи густурда қарор нагирифтааст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллоев, А. Муиззӣ / А. Абдуллоев // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.Ҷ 2. – Душанбе, 1989. – С.304.
2. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII—XIV, қисми якум – Душанбе: Дониш, 1976. - 346 с.
3. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик/ С.Айнӣ.- Маскав, 1926. - 636 с.
4. Гулшани адаб (Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд); тартибдиҳандагон: Камол Айнӣ, Баҳром Сирус, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобул Додалишоев. – Ҷ. I. Намунаҳои нвзми форсу тоҷик. Асрҳои IX-XIII. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 431 с.
5. Ғафоров, Ш. Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеию эстетикии қасоиди ӯ (рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология) / Ш. Ғафоров: Душанбе, 2011 – 182 с.
6. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон/Бобоҷон Ғафуров: - Душанбе, соли 1973. - 810 с.
7. Исрофилниё, Ш. Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV / Ш.Исрофилниё: - Душанбе, 2012. - 350 с.
8. Мақсудов, Б. Амир Муъиззи и придворная литература Сельджукидов в Хорасане / Б. Мақсудов: - Паёми Донишгоҳи миллӣ.- 201.-, №4/1.-С.118-123.
9. Мақсудов Б.Амир Муиззӣ ва рушди адабиёти дарбории Салҷуқиён дар Хуросон/Б. Мақсудов, Ф. Ҳайдаров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон .-2015.- №4/4(171).- С. 234-239.
10. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз давраи қадим то асри XIII). Қитоби I (II)/ Х. Мирзозода: - Душанбе, Маориф, 1989. - 420 с.
11. Насриддин, А. Куллиёти осор, Ҷилди аввал / А.Насриддин: - Хуҷанд, Хуросон, 2013.- 602 с.
12. Насриддин, А.Куллиёти осор, Ҷилди шашум/ Абдулманнони Насриддин: - Хуҷанд, Хуросон, 2013. – 756 с.
13. Неъматзода, Т. Муиззӣ / Т. Неъматзода // Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 4. – Душанбе, 1983. – С.536.
14. Нишопурӣ, Муиззӣ Амир. Рубоиёт / Амиир Муиззӣ: - Таҳия, тасҳеҳ, тавзеҳ ва пешгуфтори Фахриддин Ҳайдаров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021.- 152 с.
15. Собиров Ҳ.Ю.Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – 204 с.
16. Ҳайдаров, Ф. Ашъори Муиззӣ аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво/Ф. Ҳайдаров// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. – Бохтар, 2021, 1/1 (83). - С. 15-21.
17. Ҳайдаров, Ф. Қиссаи тир хӯрдани Муиззӣ/Ф. Ҳайдаров// Суханшиносӣ.- 2022, 4. – с. 100-107
18. Ҳайдаров, Ф. Н. Мавқеи рубоӣ дар эҷодиёщ Амир Муиззии Нишопурӣ / Ф. Н. Ҳайдаров // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2020. – №4(65). – С.156-161. – EDN KLNNIO.
19. Ҳайдаров, Ф. Нигоҳи мухтасар ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ/Ф. Ҳайдаров//Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2016.- №4/5 (209). - С. 227-233.
20. Ҳайдаров, Ф. Осори шоир - бозгӯи рӯзгори шоир/Ф. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2018. - №7. - С. 227-235.
21. Ҳайдаров, Ф. Тараннуми ишқ дар тағаззулоти Муиззӣ/ Ф.Ҳайдаров //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида а бузургдошти ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ,профессор Икромов Искандар(Бохтар,21-уми декабри соли 2023),С.116-127.
22. Ҳайдаров, Ф. Таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ дар Эрон/Ф. Ҳайдаров// Паёми Донишгоҳит омӯзгорӣ.-2022.-5(100).- 252-259.
23. Ҳайдаров, Ф. Фарҷоми рӯзгори Амир Муиззӣ/Ф. Ҳайдаров// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. – 2019 (68). - С. 9-13.
24. Ҳайдаров Ф. Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ/Ф. Ҳайдаров// Паёми Донишгоҳи миллӣ. - 2023.- №3. – С. 194-204.
25. Шарифзода, Б. Хоқонӣ ва таҳаввули қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIII) Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология / Б. Шарифзода: Душанбе, 2023 – 458 с.
26. Шарифзода, Худоӣ. Мисбоҳиддини Нарзиқуул. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII / Х.Шарифзода, М. Нарзиқул: - Душанбе: ТоРус 2017.- 416 с.
27. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида / Х. Шарифов // Ёдбуди Рӯдакӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Дониш, 1978. – №1. – С. 103-111.

## REFERENCES:


1. Abdulloev, Ahmad. Muizzi / A. Abdulloev // Encyclopedia of Tajik literature and art. V.2. - Dushanbe, 1989. – 304 p.
2. Persian-Tajik literature in the XII-XIV centuries, the first part - Dushanbe: Donish, 1976. - 346 p.
3. Aini, S. Pattern of Tajik literature / S. Aini. - Moscow, 1926. - 636 p.
4. Gulshan adab (pattern of poetry consisting of five volumes); Compilers: Kamal Aini, Bahrom Sirus, Alakhan Afsahzod, Jobul Dodalishoev. - V.I. Examples of Persian-Tajik music. IX-XIII centuries. - Dushanbe: Irfan, 1975. - 431 p.
5. Ghaforov, Sh. Azraqi Hiravi and the artistic and aesthetic features of his poetry (dissertation for obtaining the scientific degree of candidate of sciences of philology) / Sh. Ghaforov: Dushanbe, 2011 - 182 p.
6. Gafurov, Babajon. Tajiks/Babajon Ghafurov: - Dushanbe, 1973. - 810 p.
7. Israfilnia Sharifmurad. Nosir Bukhara`s legacy and the evolution of romantic ghazal in the XIV century / Sharifmurad Isrofilnia: - Dushanbe, 2012. - 350 p.
8. Maksudov, B. Amir Muizzi and the court literature of Seljukids in Khorasan / B. Maksudov // Bulletin of the Tajik National University.- 201.-, №4/1.-P.118-123.
9. Maksudov B. Amir Muizzi and the development of Seljukian court literature in Khorasan/B. Maksudov, F. Haydarov// Bulletin of the Tajik National University.-2015.- №4/4(171).- P. 234-239.
10. Mirzozoda, Kh. The history of Tajik literature (from ancient times to the 13th century). Book I (II)/ Kh. Mirzozoda: - Dushanbe: Enlightenment, 1989. - 420 p.
11. Nasriddin, Abdulmannon. Collection of works, first volume / A. Nasriddin: - Khujand: Khuroson, 2013. - 602 p.
12. Nasriddin, Abdulmannon Collection of works, Volume six/ Abdulmannon Nasriddin: - Khujand: Khuroson, 2013. - 756 p.
13. Nematzoda, T. Muizzi / T. Nematzoda // Tajik Soviet encyclopedia. V.4. - Dushanbe, 1983. - P.536.
14. Nishapuri, Muizzi Amir. Rubaiyat / Amir Muizzi: - Prepared, corrected, explained and foreword by Fakhriddin Haydarov. - Khujand: The Light of Enlightenment, 2021.- 152 p.
15. Hamza Yusufovich Sobirov. The role of Abdulvose Jabali in the 12th century Persian and Tajik literature. – Dushanbe, 2022. – 204 p.
16. Haydarov, F. Muizzi's poems from the point of view of literary genre and content/F. Haydarov// Bulletin of Bakhtar State University named after N.Khosrow. – Bokhtar, 2021, 1/1 (83). - P. 15-21.
17. Haydarov, F. The story of being shot by Muizzi/F. Haydarov// Speech. - 2022, 4. – P. 100-107
18. Haydarov, F. N. The position of ruby in the works of Amir Muizzi Nishopuri / F. N. Haydarov // Scientifc Notes of Khujand State University named after academician B.Gafurov. Series of humanities and sociology. – 2020. – No. 4(65). - P.156-161. – EDN KLNNIO.
19. Haydarov, F. A brief look at the study of the life and works of Amir Muizzi Nishapuri/F. Heydarov// Bulletin of the Tajik National University. – 2016.- No. 4/5 (209). – P.227-233.
20. Haydarov, F. Poet's works - retelling of the poet's life/F. Haydarov // Bulletin of the Tajik National University. - 2018. - No. 7. - S. 227-235.
21. Haydarov, F. Song of love in the decline of Muizzi / F. Haydarov // Materials of the republican scientific-practical conference on the topic "Development and evolution of the qasida genre in Persian-Tajik literature" dedicated to the great sage Nasir Khusravi Kubadiyani and the 80th anniversary of the doctor of philological sciences, professor Ikromov Iskandar (Bokhtari, December 21, 2023), P.116-127.
22. Haydarov, F. Research of life and works of Muizzi in Iran /F.Haydarov// Bulletin of the Pedagogical University.-2022.-5(100). – P. 252-259.
23. Haydarov, F. Life of Amir Muizzi / F.Haydarov // Bulletin of Bakhtar State University named after N. Khosrow. - 2019 (68). – P. 9-13.
24. Haydarov F. The place of the great people of the past in the poems of Muizzi/F. Haydarov// Bulletin of the Tajik National University. - 2023.- No. 3. – P.194-204.
25. Sharifzoda, B. Khaqani and the development of qasida in Tajik Persian literature (X-XIII centuries)Dissertation for the degree of Doctor of Philology/B.Sharifzoda: Dushanbe, 2023 - 458 p.
26. Sharifzoda, Khudoi. Misbohiddin Narziqul. History of Tajik literature (from the Old Testament to the beginning of the 13th century / Khudoi Sharifzoda, Misbohiddin Narzikul: - Dushanbe: ToRus 2017. - 416 p.
27. Sharifov, Kh. Cognitive function of poem / H. Sharifov // Commemoration of Rudaki (Collection of articles). - Dushanbe: Donish, 1978. - No. 1. – P. 103-111.